# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13.03.2026, №77**

Барои сазовор донистани Сафаров Илҳом Нурмаҳматович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи “Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, санаи 30 декабри соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, бо суратмаҷлиси №100 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович 25-уми августи соли 1987 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович аз соли 2010 то соли 2012 ба ҳайси ассистент дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи молияи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон), аз соли 2012 то соли 2014 ба ҳайси мутахассиси пешбари шуъбаи коркарди дастурамалҳои молиявӣ барои соҳаҳои иқтисодии ПИТ «Молия»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2014 то соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва муомилоти пулии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон), аз соли 2016 то соли 2020 ба ҳайси сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон), аз соли 2020 то моҳи сентябри соли 2023 ба ҳайси муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият кардааст. Номбурда аз моҳи сентябри соли 2023 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Сафаров Илҳом Нурмаҳматович соли 2016 ба аспирантураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2017, суратҷаласаи №11/8.4 тасдиқ гардидааст. Бинобар сабаби пеш омадани зарурати истеҳсолӣ мавзуъ ва роҳбари илмӣ тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 28-уми сентябри соли 2018, суратҷаласаи №2/4.15 иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Содиқов Метархон Соқибекович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Сафозода Абдумаҷид Карим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори МД Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**- Салиева Ҳилола Шодибоевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба сиёсати чавонони филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ-технологии «Донишгоҳи пулод ва хулаи Москва» дар шаҳри Душанбе, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., муаллими калони кафедраи молия Султонов М.С. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №7, аз 07.02.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. санаи 09.02.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи “Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафаров Илҳом Нурмаҳматович сазовори дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Сафаров, И.Н. Самаранокии таъминоти субвенсии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон [Матн] / И.Н. Сафаров, Х.Қ. Юнусзода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2020. - №3 (23). - С.114-120. ISSN: 2663-0389.

[2-М]. Сафаров, И.Н. Асосҳои назариявии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2021. - №1 (25). - С.112-117. ISSN: 2663-0389.

[3-М]. Сафаров, И.Н. Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба он таъсиррасон [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2022. - №2.1 (31). - С.242-250. ISSN: 2663-0389.

[4-М]. Сафаров, И.Н. Баъзе масъалаҳои илмии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2023. - №1 (35). - С.437-446. ISSN: 2663-0389.

[5-М]. Сафаров, И.Н. Ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2023. - №3 (37). - С.394-404. ISSN: 2663-0389.

[6-М]. Сафаров, И.Н. Беҳтарсозии (оптимизатсияи) низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор [Матн] / М.С. Содиқов, И.Н. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. - 1(51). - С.298-306. ISSN: 2308-054X.

[7-М]. Сафаров, И.Н. Роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ [Матн] / И.Н. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2024. - №1 (40). - С.242-254. ISSN: 2663-0389.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Сафаров, И.Н. Маблағгузории сармоягузории воқеӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Содиқов, И.Н. Сафаров // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. - Хоруғ, 2023. - № 4 (28). - С.287-297. ISSN: 2664-5696.

[9-М]. Сафаров, И.Н. Таҳлили маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Н. Сафаров, М.С. Содиқов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ”, ДДМИТ (23- декабри соли 2023). – Душанбе, 2024. - С. 73-78.

[10-М]. Сафаров, И.Н. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Н. Сафаров // Маводи конференсияи илмӣ- амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ», ДДМИТ (1 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. - С. 573-583.

[11-М]. Сафаров, И.Н. Фаъолияти сармоягузорӣ ва механизми татбиқи он дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ [Матн] / И.Н. Сафаров // Маводи конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ДДМИТ (23-27 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. - С. 154-159.

[12-М]. Сафаров, И.Н. Асосҳои назариявии таъсири сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёт [Матн] / И.Н. Сафаров, Б.Қ. Каримзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шудани соли 2025 ва 34-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-26 апрели соли 2025) – Душанбе, 2025.- 212 саҳ. - С. 97-99

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Тақриз аз Додоматов Далерҷон Нишонбоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат таҳлилҳои корхонаҳо аз ду се шаҳру ноҳияҳо низ нишон дода мешуд, он гоҳ баҳогузории таъсири омилҳои дохилӣ аниқтар мегардид.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ ба омӯзиш, таҳлил ва истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷии вобаста ба сармоягузорӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст. Аммо, мушаххас истифодаи таҷрибаи мувофиқ ба хусусиятҳои миллӣ нишон дода нашудааст.

**2. Тақриз аз Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Муаллиф маблағгузории фаъолияти сармоягузориро таҳлил намуда, сарчашмаҳои онро муайян сохтааст. Агар механизми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ аз тарафи ин сарчашмаҳо дар автореферат ба таври муфассал шарҳ дода мешуд, сифати автореферат беҳтар мегардид.

**3. Тақриз аз Икромӣ Фазлиддин Нуриддин - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Дар ҷадвали 15, саҳифаи 31-и автореферати диссертатсия самтҳои фаъолгардонии нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти инвеститсионӣ оварда шудааст. Агар самтҳои мазкур дар автореферат ба таври муфассал шарҳ дода мешуд, беҳтар мебуд.

**4. Тақриз аз Юнусзода Холмуроди Қурбоналӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи иқтисоди сабз ва рушди устувори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ зикр гардидааст, аммо таҳлили муқоисавии он метавонад боз ҳам амиқтар ва муфассалтар пешниҳод мешуд, беҳтар мебуд;

2. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили механизмҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ хусусияти назариявӣ дошта, агар бо мисолҳои мушаххаси амалӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ таҳлил мегаштанд хуб мешуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

***- консепсияи муаллифие*** илман асоснок ва пешниҳод шудааст, ки тибқи он ташаккули модели устувори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути гузариш аз ҷалби пассивии захираҳо ба танзими фаъоли давлатии механизмҳои маблағгузорӣ имконпазир буда, дар он давлат на танҳо назоратчӣ, балки субъекти стратегии молиявӣ мебошад, ки барои кам кардани хавфҳо ва рақамисозии ҷараёнҳои сармоягузорӣ шароит фароҳам меорад. Баръакси

моделҳои классикии бозор, консепсияи мазкур зарурати эътирофи давлатро ҳамчун субъекти марказии молиявӣ асоснок мекунад. Давлат вазифаҳои меъмори муҳити сармоягузориро ба зимма гирифта, ҳавасмандгардонии андоз ва кафолатҳои ҳуқуқиро ҷорӣ мекунад, ки барои сегментҳои дорои хавфи баланд — лоиҳаҳои инноватсионӣ ва стартапҳо муҳим аст;

**- пешниҳод шудааст** дар асоси консепсияи болозикр: а) муносибати ба субъект нигаронидашуда ба нақши давлат зимни татбиқи равандҳои сармоягузорӣ; б) модели бисёромилаи маблағгузории сармоягузории воқеӣ; в) механизми табдил додани иқтидори мавҷуда ба сармоягузорӣ; г) идоракунии хавфҳо тавассути эътимоди институтсионалӣ ва эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ бо роҳи кам кардани хатарҳои институтсионалӣ;

***- исбот шудааст, ки*** суботи макроиқтисодӣ ва захираҳои бойи табиии Тоҷикистон танҳо «иқтидори статикӣ» мебошанд. Барои табдил додани он ба «сармояи динамикӣ» ҷорӣ кардани чорчӯбаи молиявии инфрасохторӣ пешниҳод карда шудааст, ки имкон медиҳад, ки ҷараёни сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятнок, аз ҷумла саноат ва бахши кишоварзӣ дар шароити ҳамгироии минтақавӣ самаранок тақсим карда шавад;

***- муаммоҳои калидӣ*** дар низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд: а) Маҳдудияти захираҳои молиявии дохилӣ, чунки захираҳои молиявӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии кишвар маҳдуданд ва ин зарурати такмили равандҳои сармоягузориро ба миён меорад; б) Мушкилоти ташкили маблағгузорӣ, ки яке аз муҳимтаринашон ин нокифоя будани механизмҳои ташаккули захираҳои сармоягузорӣ мебошад, ки имкониятҳои сармоягузориро дар шароити муосир маҳдуд мекунад; в) Норасоии маблағгузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ. Муаллиф таъкид мекунад, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ ва стартапҳо ба сармояи калони ибтидоӣ ниёз доранд ва бо дараҷаи баланди ноустуворӣ тавсиф мешаванд, вале механизмҳои мавҷуда ин хусусиятҳоро ба назар намегиранд; г) Заифии инфрасохтори бозори молиявӣ. Зарурати ташкили инфрасохтори муосири бозори молиявӣ таъкид шудааст, ки айни замон барои пешгирии хавфҳои молиявӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳо пурра омода нест.

***- тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** а) омӯзиши ҷанбаҳои назариявии татбиқи раванди сармоягузорӣ ва ташаккулёбии самарабахши фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи ҳавасмандгардонии молиявии давлат мувофиқи шароит ва ниёзҳои мушаххаси кишвар барои фароҳам овардани фазои мусоид ба сармоягузории хориҷӣ муҳим мебошанд, пешниҳод гардидааст; б) рушди маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, банақшагирии стратегӣ, идоракунии хуби равандҳои сарчашмаҳои молиявӣ, пешгирии таъсири хавфҳои муосир, ташаккули иқтисоди сабз, суръатбахшии раванди рақамикунонии

бахшҳои иқтисодиёт ва инкишофи неруи инсонӣ инчунин, омилҳое, ки ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, илман асоснок гардида, пешниҳод шудааст; в) рушди иқтисоди бахши воқеӣ, истифодаи оқилонаи манбаъҳои сармоягузорӣ ва равона кардани маблағгузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодӣ ва амалишавии маблағгузории барномаҳои илмӣ ва инноватсионӣ тавассути ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба арзёбӣ гардида, тавсия дода шудааст.

***- омилҳои асосии таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва пешниҳод шудаанд:*** 1) Омилҳои макроиқтисодӣ ва захиравӣ (мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ, суботи макроиқтисодӣ ва низоми молиявӣ); 2) Омилҳои институтсионалӣ ва танзимкунанда (Татбиқи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ва нақши давлат дар ҳавасмандгардонии молиявии бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт; такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон; дастгирии давлатии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва зарурати маблағгузории стартапҳо ва технологияҳои нав дар марҳилаҳои аввал; 3) Омилҳои инфрасохторӣ ва технологӣ (рақамикунонии фаъолияти хоҷагидорӣ, таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба шаффофият ва суръати гардиши сармоя; рушди инфрасохтори бозори молиявӣ; талаботи замони муосир барои ҷалби «сармояи сабз» ва лоиҳаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза); 4) Омилҳои берунӣ ва интегратсионӣ (нақши шарикони рушд ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дар маблағгузории иқтисоди миллии Тоҷикистон; ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва истифодаи имкониятҳои бозорҳои минтақавӣ барои афзоиши ҷолибияти сармоягузории кишвар). Муайян карда шудааст, ки таъсири мутақобилаи ин омилҳо дар шароити муосир барои гузариш аз модели экстенсивии ҷалби сармоя ба модели интенсивии рушди иқтисодӣ замина мегузорад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда, маълумотҳои расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи сармоягузорӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ мувофиқат мекунанд.

***- исбот шудааст,*** ки: а) такмили механизми молиявии давлат ва мутобиқсозии он ба талаботи рақамикунонӣ ва иқтисоди сабз омили калидии таҳкими иқтидори сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини рушди

устувори он мебошад; б) дар шароити Тоҷикистон танҳо танзими бозорӣ кофӣ набуда, давлат бояд ҳамчун субъекти асосии молиявӣ баромад карда, механизми дастгирии мустақими равандҳои сармоягузориро (махсусан барои стартапҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ) фароҳам орад; в) самаранокии сармоягузорӣ на танҳо бо ҳаҷми маблағ, балки бо рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи принсипҳои «иқтисоди сабз» вобаста буда, ин омилҳо ҷолибияти кишварро барои сармоягузорони хориҷӣ зиёд мекунанд; г) барои рушди устувор бояд диққати асосӣ ба бахши воқеӣ, аз ҷумла саноат ва кишоварзӣ равона карда шавад. Исбот шудааст, ки таъмини ин соҳаҳо бо таҷҳизоти муосир ва инфрасохтор заминаи асосии амнияти иқтисодӣ мебошад.

- ***муайян шудааст, ки*** ин номутаносибии байни ниёзҳои иқтисодиёт ба сармоягузорӣ ва механизмҳои мавҷудаи маблағгузории онҳо мебошад, ки талаб мекунад нақши давлат дар танзими молиявӣ ва рақамикунонӣ бозбинӣ шавад. Исбот шудааст, ки истифодаи фишангҳои молиявӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ва сиёсати асосноки молиявӣ, роҳи самараноки ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ мебошад ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар якҷоягӣ бо суботи низоми молиявӣ хавфҳои сармоягузориро коҳиш дода, барои рушди дарозмуддат замина мегузорад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи*** дар заминаи таҳқиқотҳои анҷомёфта оид ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, ҳолати рушди равандҳои муосири сармоягузорӣ ошкор ёфта, равандҳои сармоягузорӣ тақвият меёбад ва бехтарсозии маблағгузории сармоягузорӣ таъмин мешавад.

***- самтҳои*** дурнамои рушди маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ муайян карда шуда, механизмҳои мукаммалгардони равандҳои он дар фаъолияти хоҷагидории кишвар муайян ва илман асоснок карда шудааст.

***- омӯхта шудаанд:*** 1) таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозор; 2) имкониятҳои татбиқи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) ҳолати муосири вазъи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди низоми иқтисодиёти миллӣ;

- ***методикаи таҳиянамудаи*** муаллифӣ нишон медиҳад, ки арзёбии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон бояд на танҳо ба нишондиҳандаҳои молиявӣ, балки ба таъминоти комплексии захиравӣ (таҷҳизот, инфрасохтор, дастрасӣ ба бозорҳои фурӯш) асос ёбад. Дар ин методика ҷойгоҳи махсуси ҳамгироии принсипҳои «иқтисоди сабз» ва рақамикунонӣ ҳамчун филтрҳои ҳатмӣ барои интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъкид шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- *тавсияҳои методӣ ва амалии* таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Сармоягузорӣ», «Баҳои иқтисодии сармоягузорӣ», «Сармоягузории хориҷӣ», «Сармоягузорӣ дар бахши давлатӣ», «Фаъолияти бонкҳои инвеститсионӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраҳои муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 26.10.2024 таҳти №53**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **(санади татбиқи натиҷаҳо аз13.05.2024 №3-2е/106**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- *консепсияҳои* иқтисодӣ оид ба дурнамои рушди равандҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути истифодаи самтҳои ташакули ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таҳия карда шудаан; зарурияти истифодаи оқилонаи манбаъҳои сармоягузорӣ ва равона кардани маблағгузорӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ шарти муҳим маҳсуб меёбанд, **таҳия карда шудаанд;** зарурияти истифодаи воситаҳои инноватсионии молиявӣ, диверсификатсияи портфели сармоягузорӣ, идораи самаранок ва оқилонаи хавфҳо **асоснок шудааст;** сармоягузорӣ ба бахшҳои илмталаби технология ва инноватсия барои рушди минбаъдаи кишвар **ояндабинӣ шудааст.**

- *стратегияи* ҳамаҷонибаи фаъолсозии раванди сармоягузорӣ таҳти унвони **«Сармоягузорӣ тавассути шарикии давлатӣ ва рақамисозӣ»** дар асоси таҳлили мушкилот, омилҳо ва ҳадафҳои таҳқиқот, таҳия карда шудааст, ки аз ҷиҳати академӣ, ин стратегия гузариш аз модели «интизориҳои сармоягузор» ба модели «сохтори фаъоли давлатии сармоягузорӣ» мебошад.

- *пешниҳод шудааст* оид ба такмили равандҳои сармоягузории кишвар таҳкими ҳамкориҳои судманд бо тамоми иштирокчиёни бозори умумиҷаҳонӣ ва самтҳои амалисозии онҳо асоснок гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- *назарияи* илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини фаъолияти густурда ва самараноки фаъолияти сармоягузорро дар кишвар фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таҳия ва чунин **пешниҳодҳо ироа шудаанд**: 1) Таҳияи стратегияи дақиқи сармоягузорӣ бо роҳи ташкили экосистемаи молиявии худидоракунанда, ки дар он давлат хавфҳоро кам мекунад ва сармояи хусусӣ ва хориҷӣ навсозии технологии кишварро таъмин мекунад; 2). Фаъолияти густурда бо сармоягузорони хориҷӣ тавассути ташкили шарикӣ, таблиғи фаъоли имкониятҳои сармоягузорӣ; 3). Пешгирии таъсири хавфҳои муосир, ташаккули иқтисоди сабз, суръатбахшии раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт ва инкишофи неруи инсонӣ; 4). Истифодаи оқилонаи манбаъҳои сармоягузорӣ ва равона кардани маблағгузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодӣ барои гуногунранг кардани бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла бахши воқеӣ.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 88,69% ва 93,16% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи мукаммалгардонии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба он таъсиррасон саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, масъалаҳои илмии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор, муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 12 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашриҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд.

Диссертатсия ба бандҳои 2,14, 3.20, 3.22, 3.25 ва 5.2-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 13.03.2026 қарори сазовор донистани Сафаров Илҳом Нурмаҳматович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**13 марти соли 2026.**